# ТАҚРИЗИ

мушовири илмӣ ба диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи бемориҳои ҷарроҳии №1 ба номи академик Қурбонов К.М. МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино" н.и.т. Сараев Алишер Раҳматуллоевич дар мавзӯи «Оптимизатсияи пешгӯии оқибат ва интихоби тактикаи табобати перитонити паҳнгашта» барои муваффақ гаштан ба унвони доктори илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.01.17. – ҷарроҳия.

Диссертатсияи А.Р.Сараев дар кафедраи бемориҳои ҷарроҳии №1 ба номи академик Қурбонов К.М. МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино" анҷом дода шудааст. Ба унвонҷӯй мавзӯе, ки коркарди алгоритми интихоби тактикаи беҳтарин ва оқилтарини табобати чунин оризаи мудҳиши бемориҳои узвҳои шикам мисли перитонити паҳнгашта пешбинӣ мекунад, пешниҳод шудааст. Алгоритми мазкур дар асоси системаҳои такмилдодашудаи пешгӯии оқибати табобати перитонити паҳнгашта, ки дар навбати худ дар таснифи такмилдодашудаи марҳилаҳои перитонити паҳнгашта асос ёфтааст, коркард шудааст. Сабаби муҳиммияти мавзӯъ дар набудани корҳои илмии маҷмӯии нисбати масъалаҳои интихоби муроқибати баъдазҷарроҳии беморон мубтало ба шаклҳои вазнини перитонити паҳнгашта мебошад. Норасоиҳои коркарди илмии чунин масъалаи муҳим ба арзёбии номувофиқи ҳолати бемор мусоидат мекард.

Синдроми заҳролудшавии эндогенӣ ва инкишофи сепсиси абдоминалӣ ҳамчун ҷузъҳои асосии патогенези перитонити паҳнгашта ба ҳисоб гирифта мешаванд, ва дар баробари ин дараҷаи ифоданокии заҳролудшавии эндогенӣ бо дараҷаи вазнинии перитонит ва сепсиси абдоминалӣ мутобиқат мекунад. Айни замон дар арзёбии объективии ҳолати беморони мубталои перитонити паҳнгашта, коркарди алгоритми тафриқакунии табобати пуршиддат дар асоси усулҳои тиббӣ далелии истифодабарии маркерҳо ва предикторҳо ва инчунин интихоби системаи пешгӯии барои перитонит мутаносибшуда – зарурат вуҷуд дорад.

Маркерҳо ё пешхабарҳои зиёди заҳролудшавии эндогенӣ ва усулҳои арзёбии ҳолати беморон, ки барои пешгӯии оқибати перитонити паҳнгашта заруранд, пешниҳод мешаванд. Муайанкунии арзиши ташхисии маркерҳои ғайримахсуси илтиҳоб ва сепсис (прокалситонин ва пресепсин) барои арзёбии ҳолати беморон бо перитонити паҳнгашта дар ҷумҳурии мо мувофиқи мақсад аст.

Унвонҷӯй усулҳои муосири ташхискунӣ ва табобати перитонити паҳнгаштаро истифода мебарад. Миқдори беморон (409 нафар) кофист барои ба даст овардани натиҷаҳои боэътимод. Рисола хусусияти мустақилонаро дорост, ки бо хулосаҳои нодир, иқтибоси саҳеҳи манбаҳои адабиёт, ва инчунин бо мақолаҳои нашршудаи муаллиф тасдиқ мешавад. Диссертатсии А.Р.Сараев дар мавзӯи «Оптимизатсияи пешгӯии оқибат ва интихоби тактикаи табобати перитонити паҳнгашта» таҳқиқоти мустақили анҷомёфта аст, ба талаботҳои КОА назди президенти ҶТ нисбати корҳои ихтисосӣ мувофиқат мекунад, ва муаллифи он барои муваффақ гаштан ба унвони доктори илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.01.17. – ҷарроҳия, сазовор аст.

Мушовири илмӣ,
доктори илми тиб, профессор — Назаров Ш.К.

ГОУ "ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ МЕДИЦИНСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ имени АБУАЛИ ИБНИ СИНО" МДТ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН ба номи АБУАЛӢ ИБНИ СИНО
РАЁСАТИ РУШДИ КАДРҲО
УПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ КАДРОВ

ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
Мирзоева Ш. К-ло
24.01.2023